«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистион
ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои таърих,
профессор Ғаффорӣ Н.У.

«__13__»____09______2021

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” ба диссертатсияи номзадии Тиллобаева Салима Махмадалиевна бо номи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи миёна ва Эрон (асрҳои IX-XVII)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10 таърихи илм ва техника пешниҳод карда шудааст.**

Рисолаи номзадии Тиллобаева, Салима Махмадалиевна бо номи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи миёна ва Эрон (асрҳои IX-XVII)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10 таърихи илм ва техника бо қарори Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-046 оид ба ҳимояи рисолаҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) доктор аз рӯи ихтисос, ки дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” амал мекунад, барои тақриз ба МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” ба сифати муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, он дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики донишгоҳи мазкур 13- сентябри соли 2021 таҳти № 3 мавриди барррасӣ ва муҳокима қарор гирифт.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 5 нафар доктори илмҳои таърих, профессорон; 6 номзади илмҳои таърих, дотсентон; 5 нафар муаллимони калон ва 9 нафар ассистентон, ҳамчунин аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон даъват шуданд.

Дар муҳокимаи рисолаи Тиллобаева Салима Махмадалиевна шахсони зерин иштирок намуданд: Фозилова М.З., мудири кафедраи “таърихи халқи тоҷик” номзади илмҳои таърих, дотсент, Пирумшоев Ҳ.П., д.и.т., профессор, Ҳақназаров А., д.и.т., Ҳусайнов А., д.и.т., профессор, Ганҷакова М., н.и.т., дотсент, Зарипов Н.Ҳ., н.и.т., дотсент, Ғуломшоев С., н.и.т., дотсент, Шарипов М., н.и.т., дотсент, Исмоилов Ё., н.и..т., достент, Гадоев Ғ., дотсент, Роҳатов Ғ., дотсент, ҳамчунин дотсентони кафедраи геометрия ва математикаи олӣ

Ғафуров С., н.и.ф,м., дотсент, Нуралиев Ё, н.и.п.,дотсент, мудири кафедраи геометрия ва математикаи олӣ ва дигарон.

Муассисаи пешбари тақриздиҳанда дар тақризи мусбии худ, ки аз ҷониби д.и.т., профессор Ҳусайнов А., д.и.т., дотсент Ҳақназаров А., н.и.т., дотсент Ганҷакова М., н.и.т., дотсент Зарипов Н. ва н.и.т., дотсент Исмоилов Ё., дотсентони кафедраи геометрия ва математикаи олӣ Ғафуров С., н.и.ф,м., дотсент, Нуралиев Ё, н.и.п.,дотсент, мудири кафедраи геометрия ва математикаи олӣ таҳия ва омода гардидааст, қайд менамояд, ки рисолаи Тиллобаева Салима Махмадалиевна «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи миёна ва Эрон (асрҳои IX-XVII)», ба мавзӯи муҳиму то ба ҳол шомили таҳқиқоти ҷудогона қарор нагирифтаи таърихи илм ва техника бахшида шудааст.

Вобаста ба ин, таҳқиқоту омӯзиши проблемаи мазкур дар таърихи илм ва техника, бо дарназардошти он, ки дар таърихи адабиёти ватанӣ то имрӯз ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст, мубрам ҳисобида мешавад.

**Мубрамияти мавзӯъ.** Омӯзиши таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи миёна ва Эрон бо такя ба дастовардҳои таҳқиқотии худ дар ҳар давру замони таърихӣ, махсусан дар асрҳои IX-XVII барои рушди илму техникаи замони муосир аҳамияти хосаро доро мебошад. Асри XXI –ро асри техникӣ меноманд ва дар ин даҳсолаҳои охир, ки инсоният аз назари техникӣ ҷаҳишӣ кайҳонӣ доштааст, моро лозим аст, гузаштаи хеш, махсусан, осори донишмандони риёзидони хешро омӯхта, барои оянда пули мустаҳкаме бисозем. Гуфтан ҷоиз аст, ки гузаштагони мо, сарфи назар аз доштани имконоти ками иртиботӣ бо олами Ғарб дар он гӯшаи дунё маъруфият касб карда буданд ва осори эшонро то ҳанӯз ҳам дар он мамолик меомӯзанд ва аз он дурри маънӣ меҷӯянд ва мо чунин мепиндорем, ки рушди техникӣ ва фанни ғарбиён реша дар Шарқи бостони мо дорад. Аз ин рӯ мавзӯи интихобнамудаи муаллифи рисола мубрам мебошад.

Таҳқиқот ва пажӯҳиши осори донишмандони риёзидони табиатшиноси асрҳои IX-XVII дар Осиёи Миёна ва Эрон моро ба пешрафти илм ва шинохти амиқи илмҳои табиатшиносии ин қарнҳо водор сохта, боиси ҳувият ва ифтихори баланди миллӣ мегардад. Агар мо имрӯз ба асли матлаб биёем, аз

он баҳраманд мешавем, ки гузаштагони мо дар асрҳои миёна дар соҳаҳои гуногуни илмҳои дақиқ, аз ҷумла, математика, физика, химия, астрономия, геометрия ва ғайра ба дастовардҳои гаронбаҳо ноил гашта, дар татбиқи ин натиҷаҳо дар дигар самтҳо низ, аз ҷумла, дар мураттаб сохтани зиҷҳо, ғояҳои арзишманд дар илми ҷаҳони асримиёнагӣ аз ҳама пештар муваффақ гардидаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки илмҳои табиатшиносӣ, хусусан геометрия, дар рушди ҷомеа ва иқтисоди миллӣ нақши муҳим мебозад, омӯзиши таърихи илми геометрия дар асоси осори олимони асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон, ки то ҳол дар ин самт таҳқиқоти комплleксӣ анҷом дода нашудааст, саривақтӣ буда, барои боз ҳам густардатар ва васеътар омӯхтани ин осор замина гузошта, роҳи фаррохеро барои муҳаққиқони оянда мекушояд.

Дар ин росто, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019 чунин изҳор дошта буданд: «Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳи сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намоянд. Вобаста ба ин, пешниҳод намуданд, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ инчунин, барои тавсияи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шавад».

**Дар дараҷаи омӯзиши масъалаи** мазкур донишмандони соҳаи таърихи илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде таҳқиқотҳои арзанда анҷом дода бошанд ҳам, аммо қайд кардан ба маврид аст, ки ба таври комплексӣ оид ба мавзӯи мазкур аз нигоҳи таърихи илм асари бунёдие таълиф нагардидааст.

Геометрия ҳамчун илм таърихи бисёрасраи худро дорад ва дар рушди он, баъд аз олимони Юнони Қадиму Миср, олимони асримиёнагии Осиёи Миёна

ва Эрон низ саҳми калон доранд. Дар он давра масъалаҳои геометрӣ муштаракан бо таҳқиқотҳои астрономӣ анҷом дода шуда, ҳамзамон бо рушди астрономия илми геометрия низ пеш мерафт. Тараққиёти астрономия ба усули проектиронии ортогоналии сфера (сфераҳои фазоӣ) ба ҳамворӣ («проексияи стереографӣ») алоқамандӣ дошт, ки он ба омӯзиши хатҳо дар давраҳои тригонометрӣ оварда расонд. Дар илми таърих маълум аст, ки дар ин давра дар якчанд шаҳрҳои Осиёи Миёна ва Эрон теъдоди муайяни расадхонаҳо фаъолият мекарданд,ки мутааллиқ ба доираҳои илмии ҳамин манотиқ буда, перомуни хеш уламои зиёдеро ҷамъ оварда буданд, ки мунҷар ба эҳё ва рушди улуми риёзию табиатшиносӣ дар ин манотиқ шуда буданд. Донишмандоне аз қабили Муҳаммад Хоразмӣ, Абунасри Форобӣ, Абурайҳони Берунӣ, Насриддини Тусӣ, Умари Хайём, Ибни Сино ва даҳҳо дигарон ҳамагон маъруфу маълуманд, ки дар тараққиёти математика, хусусан геометрия, саҳми калон гузоштаанд ва аз онҳо осори гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки дар рисола истифода карда шудаанд.

Донишмандони хориҷиву ватанӣ ва махсусан шӯравӣ, ки дар самти мавзӯи аз ҷониби муаллиф таълифдода корҳои арзандае анҷом дода бошанд ҳам, то имрӯз дар шакли рисолаи пешниҳодгардида ба таври комплексӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтааст.

Аз ин ҷост, ки роҷеъ ба дараҷаи омӯзиши мавзӯи мазкур диссертатсияи номзадии Тиллобаева Салима Махмадалиевна бо номи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон (асрҳои IX-XVII)» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин пажӯҳишоти диссертатсионӣ оид ба таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон (асрҳои IX-XVII) ба ҳисоб меравад.

**Мақсад ва вазифаҳои** муаллифи рисола аз лиҳози таърихӣ ба таври комплексӣ мавриди таҳқиқоти алоҳида қарор додани хусусиятҳои рушди геометрия дар осори муҳаққиқони асримиёнагии тоҷику форси Осиёи Миёна ва Эрон буда, вобаста ба он вазифаҳои зерин анҷом дода шуданд:

Омӯзиши ҳаматарафаи мероси донишмандони асримиёнагии форсу тоҷик, мавриди таҳқиқот қарор додани дастовардҳои соҳаи геометрия, таҳқиқу таҳлили сарчашмаҳои табиӣ-риёзӣ, ки дар он пажӯҳишҳои геометрии донишмандони асримиёнагии тоҷику форс инъикос ёфтааст, маълумотҳои

бойгонӣ, ки дар он сарчашмаҳо ва мероси илмии донишмандони риёзидони тоҷику форси асримиёнагӣ истифода шудаанд.

**Объекти тадқиқот** асарҳои геометрии олимону форсу тоҷики асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон , нақш ва ва аҳамияти онҳо дар дар таърихи илми геометрия.

**Предмети таҳқиқот о**мӯзиш таърихи инкишофи илми геометрия дар асрҳоми миёнаи Осиёи Миёна ва Эрон, татбиқи он бар асоси таълими донишҳои геометрӣ, таҳлили адабиёт ва таҳқиқотҳои ватанию хориҷӣ дар раванди ташаккули илмҳои табиию риёзӣ.

**Заминаи манбаъвии диссертатсия** хеле бой буда, дар рафти навиштани он аз сарчашмаҳои нашршуда ва таълифоти таҳлилӣ истифода шудааст, ки ба чор гурӯҳ ҷудо карда шудааст. Ҳангоми таълифи кори мазкур ба сифати сарчашма маълумот ва маводи таърихӣ, асарҳои доир ба геометрия бахшидаи донишмандони Юнони қадим, натуралистони асримиёнагии форсу тоҷик, асарҳои муҳаққиқоне, ки ба ҳаёт ва фаъолияти мутафаккирони асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон бахшида шудаанд, дар раванди таҳқиқи масъалаи мавриди пажӯҳиш васеъ истифода шудаанд.

**Нововарии илмии диссертатсия** дар он аст, ки дар доираи таърихи илмҳои табиӣ ва риёзӣ омӯзиши таърихи инкишофи илми геометрия дар осори донишмандони табиатшиносии Осиёи Миёна ва Эрон дар асрҳои IX-XVII мебошад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.

**Сохтори диссертатсия ва мураттабии мантиқии он.** Диссертатсияи Тиллобаева Салима Махмадалиевна ба талаботи мантиқии таҳқиқот мутобиқат дошта, аз муқаддима, ду боб, чор зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, объект, мавзӯи таҳқиқот, мақсад, вазифа ва дараҷаи омӯзиши мавзӯъ муайян карда шуда, фарзияи таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя бароварда шуда, инчунин марҳилаҳо ва методҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва инчунин ҳаҷм ва сохтори рисола мушаххас карда шуданд.

Боби якуми диссертатсия **«Корҳои олимони асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон доир ба геометрия»** ном дорад. Он аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум **«Дар бораи таҳқиқотҳои геометрӣ дар асрҳои IX-XVII»** муаллиф ба таври муфассал дар бораи корҳои олимони асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон маълумот дода кӯшиш кардааст, роҷеъ ба он асарҳои ин олимон ба таври васеътар истода гузарад, ки дар Шарқу Ғарб хеле маъруфанд. Диссертанд бо такя ба навиштаҷоти муҳаққиқони осори донишмандон ва дастрас кардани осори онҳо дар шакли асл, тарҷумаю баргардоншуда назароти худро иброз доштааст , ки хеле ҷолиб ва қобили қабуланд.

Бо такя ба гуфтаҳои диссертант таҳқиқоти геометрии олимони ин қарнҳоро ба қисмҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. масъалаҳои умумии геометрия (масоили планиметрия ва стереометрия);
2. табдилдиҳиҳои геометрӣ;
3. кӯшишҳои исботи постулати панҷуми Евклид;
4. ҳалли масъалаҳои амалӣ (ченкунӣ дар маҳал, масъалаҳои астрономӣ ва ғайра).

Дар рисола омадааст, ки таҳқиқоти Форобӣ, Ибни Сино, Берунӣ ва амсоли инҳо шомили бахши аввал мебошанд. Масалан, Берунӣ боби якуми китоби худ «Ат – Тафҳим» - ро ба таълими геометрия бахшида буд, ки он дар намуди «савол – ҷавоб» асосҳои геометрияро ба воситаи 79 савол шарҳ медиҳад. Бобҳои алоҳидаи китоби Ибни Сино «Донишнома» («Китоби дониш») низ масъалаҳои геометриро инъикос менамоянд.

Ба масъалаҳои бахши дуюм, дар радифи олимони дигар корҳои Собит ибни Қурроро қайд намудан лозим аст, ки бори аввал дар геометрия мафҳуми ҳаракатро дар барқарор кардани баробарии ҷисмҳо ҷорӣ намуд, ки он дар «Ибтидо» - и Евклид мавҷуд нест. Вай бо ҳамроҳии наберааш Иброҳим ибни Синон (908 – 946) бори аввал омӯзиши буришҳои конусӣ ва инъикоси онҳо дар ҳамворӣ, мафҳумҳои «табдилдиҳиҳои аффинӣ» ва «табдилдиҳиҳои эквиаффинӣ» - ро ҷорӣ намуданд, ки дар ҳоли ҳозир дар курси «Геометрияи аналитикӣ» - и муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ омӯзонда мешаванд.

Дар зербоби дуюми боби якум «Таҳқиқӣ масъалаҳои геометрӣ аз тарафи олимони асрпимиёнагии Осиёи МИёна ва Эрон» ҳамчун бахши сеюми тадқиқот таҳқиқотҳои мутафаккирони асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон мавқеи муайянеро ишғол мекунанд. Масалан, Умари Хайём ба назарияи хатҳои рости параллел машғул шуда, кори «Шарҳ ма ашкала мин мусадарат китаб Уқлидус» («Шарҳи душвориҳои дохилкунии китоби Евклид») – ро навиштааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки чоркунҷае, ки онро Умари Хайём мавриди баррасӣ қарор додааст, дар таърихи геометрияи ғайриевклидӣ нақши муҳимро мебозад. Ин чоркунҷаро пас аз гузоришоти олими итолиёии қарни XVIII Ҷироламо Саккери (1667 – 1733), ки он ба шарқиён низ маълум гашт, «чоркунҷаи Хайём – Саккери» меноманд. Гипотезаи кунҷи тез дар ин назария корҳои Хайёмро ба геометрияи ғайриевклидӣ наздик гардонд.

Боби дуюми рисола **«Татбиқи назарияи геометрӣ дар алгебра, тригонометрия ва астрономия»** ном дошта, он аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум **«Истифодаи геометрия дар ҳалли муодилаҳои алгебравӣ»** ном дошта, дар он ҳалли масъалаҳои амалӣ, ченкунӣ дар маҳал, меъморӣ, муодилаҳои кубӣ, тригонометрия, астрономия ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф ҳамчун мисол ҳалли муодилаи кубии усули Умари Хайёмро таҳлил менамояд ва як ҳолати мушаххасро ҳамчун намуна, ки ҳаллаш намуди графикӣ дорад, дида мебарояд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «Татбиқи геометрия дар масъалаҳои тригонометрӣ ва таҳқиқотҳои астрономӣ», масъалаҳои тригонометрия, ки аз омӯзиши секунҷаҳо ибтидо мегирад, таҳлил мегардад ва нақши илми геометрия дар рушди илми астрономия ва корҳои олимони асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон дар ин соҳа, дастовардҳои онҳо дар мураттабсозии зиҷҳо баён мегардад.

**Тавсияҳо дар хусуси истифодаи натиҷаву хулосаҳои диссертатсия.**

Натиҷаи тадқиқоти диссертатсионии Тиллобаева Салима Махмадалиевна барои омӯхтани таърихи илми геометрияи тоҷик аз аҳамият холӣ нест. Натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқоти мазкурро метавон дар ҷараёни навиштани тадқиқотҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи илмҳои табиӣ-риёзии тоҷик дар марҳилаҳои гуногун, таълифи рисолаҳо, китобҳо, дастурҳо, гузаронидани

семинарҳо ва курсҳои махсус оид ба таърихи илмҳои табиию риёзии тоҷик истифода намуд.

Натиҷаҳои тадқиқоти муаллифи рисола дар ду дастури методӣ, 7 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшаванда интишор гардида ва 13 мақолаи дар дигар нашрияҳо ба табърасида инъикоси худро ёфтаанд.

Дар баробари комёбиҳо рисолаи Тиллобаева Салима Маҳмадалиевна аз камбудию хатогиҳо ва норасоиҳо холӣ нест, ки таваҷҷӯҳи муаллифро ба чанде аз онҳо ҷалб менамоем.

**Якум,** хуб мешуд, ки ҳар як зербоби рисола бо хулосаи муаллиф ҷамъбаст карда мешуд.

**Дуюм,** дар рисола ихтисораҳои зиёд оварда шудаанд ва беҳтар мешуд, ки шарҳу эзоҳи онҳо дар замимаи рӯйхати ихтисораҳо инъикос мегардид.

**Сеюм**, дар зербоби дуюм ба ҷои хулоса муаллиф таблитса аз осори олимони давр оид ба илми геометрия оварда шудааст (с.94-99). Хуб мешуд чунин таблитсаҳои овардашуда дар охири рисола замима карда мешуд.

**Чорум,** дар рисола оид ба осори мутафаккирони асримиёнагӣ маълумотҳои зиёд оварда шудааст, вале алоқамандии фикри муаллиф ва муқоисарониҳо дида намешавад.

**Панҷум,** хуб мешуд ба ҷои адабиёт рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда ном бурда мешуд ва дар ин бахши рисола рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиётҳои истифодашудабо гурӯҳбандӣ нишон дода мешуд.

**Шашум,** дар рисола баъзе хатогиҳои услубӣ, чопӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикргардида ислоҳшаванда буда, арзиши илмии рисолаи номзадии Тиллобаева Салима Махмадалиевнаро кам карда наметавонанд.

**Хулоса дар бораи мутобиқ будани диссертатсия ба талаботи КОА.**

Диссертатсияи номзадии Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар мавзӯи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи миёна ва Эрон (асрҳои IX-XVII)» таҳқиқоти илман ба анҷомрасида буда, дар он ҳадаф, вазифа ва масъалаҳои дар наздаш гузошташуда ба таври мусбӣ ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертатсияи мавриди назар ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент,

профессор)”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Тиллобаева Салима Махмадалиевна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10 таърихи илм ва техника сазовор аст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 13-уми сентябри соли 2021 таҳти №3 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

**Эксперт:**

| | |
|---|---|
| Доктори илмҳои таърих, профессор | Ҳусайнов А. |
| Номзади илмҳои физика математика, дотсент | Ғафуров С. |
| Мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих, дотсент | Фозилова М.З. |
| Котиби ҷаласа | Сиддиқов А.Б. |

**13 сентябри соли 2021**
**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
МДТ«Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ», тел.: + 992987 66 54 55
E-mail: ydqor.ismoilov@bk.ru

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳоимахсусиДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Назаров Давлатхон Қурбонмуродич**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ», тел.: + 992 (37) 224-13-83, 224,-89-93
E-mail: tgpu2004@mail.ru http: //www.tgpu.tj